Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**Тақризи**

доктори илмҳои фалсафа, профессор Қаҳҳоров Ғаюр Ғаффурович ба автореферати диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ)

Охири асри XX ва ибтидои қарни XXI-ро беш аз ҳама бо рушд ва бартариати технологияҳои иттилоотӣ алоқаманд медонанд, ки ба аксари соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ворид гардида, ба он оварда расонидааст, ки қисми зиёди равандҳои иттилоотии дар ҷомеа баамаломада бо низомҳои иттилоотии техникӣ ғайримустақиланд. Имрӯз мо шоҳид ва иштирокчии типи нави ҷомеа мебошем, ки хусусият ва мазмуни онро метавон ҳамчун ҷомеаи “постиндустриалӣ” (А.Белл), “технотронӣ” (З. Бзежинский), “иттилоотӣ” (Ё. Масуда, А. Тоффлер, Н. Моисеев), “ноосферӣ” (В.И. Вернадский) ва ғайра ифода намуд. Вобаста ба ин, тамоюлҳои заминагузори рушди тамаддуни асри XXI ин равандҳои ҷаҳонишавӣ ва иттилоотонӣ мебошанд, ки таъсири инқилобиро ба ҳама соҳаҳои ҷомеа мерасонанд. Дар таърихи инсоният давраи нави иттилоотӣ оғоз гардида, ҷомеаи иттилоотии глобалӣ рушд мейбад. Ташаккулёбии он маънои гузариш ба дараҷаи баланди ташкили ҳаёт ва фаъолияти одамонро дорад, ки мо онро тамаддуни иттилоотӣ меномем. Ҳамзамон, иттилоот ва хосиятҳои он предмети таҳқиқи як қатор соҳаҳои илм, монанди назарияи иттилоот, кибернетика, семиотика, прагматика, информатика ва ғайра гардидааст. Нақш ва аҳамияти иттилоот ҳангоми таҳқиқи равандҳои табиии организмҳои зинда, инчунин, рушди инсон ва ҷомеа босуръат боло рафта истодааст, ки аксари муҳаққиқон инро қайд менамоянд.

Вобаста ба ин зарурат, омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи фалсафии равишҳои иттилоотиро дар шаклҳои гуногуни зуҳуроташ дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа муаллиф хеле мубрам нишон додааст. Мақсади таҳқиқотро бошад таҳлили ҳамаҷонибаи тавсифҳои илмӣ ва методологии мафҳуми иттилоот дар доираи ҷанбаҳои гуногуни воқеияти иттилоотӣ, таъсири омили афзоиши иттилоотӣ ба таҳаввулоти ояндаи инсон, ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ муайян

намудааст. Зимни таҳқиқоти илмӣ, диссертант таҳлили фалсафӣ ва умумиилмии мафҳуми иттилоотро ба амал бароварда, таъсири омили афзоиши иттилоотиро ба таҳаввулоти ояндаи инсон нишон дода, иттилоотро ҳамчун омили асосии ҷаҳонбинии муосири илмӣ арзёбӣ намуда, ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотиро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мубрами рӯз асоснок намудааст. Бо дарназардошти андешаҳои баёнгардида, хулоса намудан мумкин аст, ки мавзуи кори диссертатсионии Камолов Ш.В. аҳамияти баланди илмӣ ва назариявӣ дорад.

Ба сифати асосҳои методологии таҳқиқот методҳои умумии маърифати илмӣ-диалектикӣ, таърихӣ, сохторӣ-системавӣ, таҳлили функсионалӣ, синергетикӣ, муқоисавӣ ва ғайра истифода шудаанд. Манбаъ ва заминаи амалии таҳқиқотро асарҳои олимон, файласуфон ва коршиносону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ташкил дода, дараҷаи коркарди илмии мавзуъ васеъ ва густурда ба назар мерасад. Объекти таҳқиқотро фалсафаи иттилоот ва ҷанбаҳои гуногуни воқеияти иттилоотӣ, предмети таҳқиқотро бошад омӯзиш ва таҳлили фалсафӣ, методологӣ ва антропологии иттилоот дар шаклҳои гуногуни зуҳуроташ ташкил додааст.

Дар автореферати диссертатсия ҳамоҳангӣ ва мувофиқати комили объект, предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо навгониҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба назар мерасад. Навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муҳтаво ва мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошанд.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар боби якуми диссертатсия «Таҳлили фалсафӣ ва умумиилмии мафҳуми иттилоот» масъалаҳои генезиси таърихӣ-фалсафӣ ва таҳаввули тасаввуроти тоилмӣ оид ба мафҳуми иттилоот, шарҳи мафҳуми иттилоот дар доираи консепсияҳо ва назарияҳои илмӣ, тамоюлҳои асосӣ дар таҳқиқ ва тавзеҳи мафҳуми иттилоот баррасӣ гардидаанд. Дар боби мазкур муаллиф қайд менамояд, ки мафҳуми иттилоот то ибтидои қарни гузашта дар маъноҳои муқаррарӣ истифода гардида, баъдан мазмуни илмӣ ва фалсафиро касб нумуда, ба қатори мафҳумиҳои бунёдии материя, энергия, ҳаракат ворид мегардад. Шарҳ ва тавзеҳи мафҳуми иттилоотро дар доираи назарияҳо, тамоюлҳо ва консепсияҳои илмӣ ба амал бароварда, қайд менамояд, ки новобаста ба тавсифҳои гуногуни иттилоот, то ҳол таърифи ягонаи умумиқабули он

коркард нагардидааст. Ҳамзамон тавсифи иттилоотро аз нуқтаи назари информология, ҳамчун хосияти умумии материя нишон додааст.

Дар боби дуюм «Иттилоот ҳамчун омили муҳими ҷаҳонбинии илмӣ» масъалаҳои тамоюлоти таҳаввулоти инсон дар шароити воқеияти иттилоотӣ, таносуби иттилоот ва дониш, иттилоот ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ташаккули ҷаҳонбинии муосири илмӣ таҳқиқ шудаанд. Диссертант зимни баррасии таъсири омили афзоиши иттилоотӣ, рушди босуръати техника ва технология, прогресси илмӣ-техникии имрӯза ба таҳаввулоти ояндаи инсон масъалаи пайдоиши «киборг» – омехтаи биологию техникии инсон, марҳилаи киборгикунонӣ, роботикунонӣ, таҳаввулоти инсон аз «ҳомо сапиенс» ба «ҳомо информатикус», «ҳомо интеллигенс», «ҳомо электроникус» ва «ҳомо техник»-ро қайд менамояд. Ҳамзамон, таносуби иттилооту донишро баррасӣ намуда, донишро марбут ба шуур, иттилоотро бошад хоси низомҳои табии бешуур медонад. Инчунин иттилоотро ҷузъи ҷудонашавандаи ташаккули ҷаҳонбинии муосири илмӣ шумурда, қайд менамояд, ки манзараи иттилоотии олам дар шуури инсон ҳукмрон гардида, аз ташаккули босуръати ҷомеаи иттилоотӣ, тамаддун ва фарҳанги иттилоотӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар боби сеюми «Масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаҳои мушкилот ва дурнамои ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ, нақши ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар ташаккули маърифат ва ҷаҳонбинии ҷавонони тоҷикро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки зарурати корбарии самаранок бо ҳаҷми афзоянда ва номгӯйи зиёди манбаҳои иттилоотӣ дар шароити муосир таҳкими дараҷаи омодагӣ ва «маърифатнокии иттилоотӣ»-ро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, ташаккули «фарҳанги иттилоотӣ» ва «ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ»-ро барои ҷомеаи Тоҷикистон, ки имрӯз дар давраи гузариш ба ҷомеаи технологӣ ва иттилоотӣ қарор дорад, ҳамчун масъалаи мубрами рӯз арзёбӣ менамояд.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ҷамъбаст карда шудаанд.

Маводи нашрии диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқот 15 мақола, аз ҷумла, 6 мақола дар нашриёҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсияи Камолов Ш.В. дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси

6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) фишурдаи муҳтавои таҳқиқоти комилу анҷомёфта ва илман асоснок мебошад. Бо вуҷуди ин, дар автореферат камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки чунин ишора мегарданд:

1. Диссертант дар бобҳои якум ва дуюми диссертатсия рушди самтҳои нави илм информология ва фалсафаи иттилоотро ҳамчун масъалаи мубрам қайд намудааст, аммо масъалаи предмети таҳқиқ ва зарурати ташаккули онҳоро нишон надодааст.
2. Дар автореферат баъзан ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо барои пурра комил гардидани диссертатсия муҳим мебошанд.

Камбудиҳои зикршуда ба моҳияти диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферат ҷавобгӯйи талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, буда, муаллифи диссертатсия Камолов Ш.В. ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии Шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қаҳҳоров Ғ.Ғ.

Имзои доктори илмҳои фалсафа
Қаҳҳоров Ғ.Ғ.-ро тасдиқ менамоям.
Нозири калони шуъбаи кадрҳои ИФСҲ
Ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ Шозедов Х.Н.